САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 53/71, ошёнаи 2
Тел: 992 44 600 54 77/78;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN
53/71 Shotemur St., 2nd floor, Dushanbe
Tel: 992 44 600 54 77/78;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

Изҳороти матбуотӣ

МАРОСИМИ АНҶОМИ ЛОИҲАИ «СОХТМОНИ МАКТАБИ № 24 ДАР ДЕҲАИ ДАШТИ НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪА» ДАР ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР ДОИРАИ КУМАКИ РАСМИИ ҶОПОН ОИД БА РУШД

Душанбе, ТОҶИКИСТОН

17-уми ноябри соли 2026 Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Хонум ФУРУТА Кэйко**, ҳамроҳ бо Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, **ҷаноби ҶУМЪА Далер**, Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, **ҷаноби САФАРЗОДА Шарифхон** ва Раиси ноҳияи Роштқалъа, **ҷаноби САФАРЗОДА Лашкар**, дар маросими анҷоми лоиҳаи **«Сохтмони мактаби № 24 дар деҳаи Дашти ноҳияи Роштқалъа»** иштирок карданд. Дар чорабинӣ инчунин кормандону хонандагони мактаб ва сокинони деҳа ҳузур доштанд.

Барои татбиқи лоиҳаи мазкур дар доираи Барномаи Ҳукумати Ҷопон оид ба кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ (GGP) маблағи **119 480 доллари ИМА** ҷудо карда шудааст. Дар натиҷаи бунёди мактаби нав барои хонандагони маҳалҳои дурдасти кишвар шароити муосир ва бехатари таълиму тарбия фароҳам оварда шуд.

Хонум ФУРУТА зимни суханронии худ ҳозиринро ба муносибати бомуваффақият анҷом ёфтани ин лоиҳаи дорои аҳаммияти муҳими иҷтимоӣ табрик намуда, таъкид кард, ки мактаби нав на танҳо як муассисаи муосири таълимӣ, балки рамзи умед ва ояндаи дурахшони кӯдакони деҳоти кӯҳистон мебошад. Ҳамчунин, **Сафир ФУРУТА** қайд намуд, ки Ҷопон беш аз 30 сол боз дар доираи самтҳои гуногун, пеш аз ҳама, дар соҳаи маориф ба мардуми Тоҷикистон фаъолона кумак мерасонад. Дар ин муддат дар доираи Барномаи GGP дар Тоҷикистон 476 лоиҳаи башардӯстона бо маблағи умумии 40,2 миллион доллари ИМА амалӣ карда шудааст.

Ҷаноби ҶУМЪА Далер, **ҷаноби САФАРЗОДА Шарифхон ва ҷаноби САФАРЗОДА Лашкар**, кормандони мактаб ва сокинони деҳа ба Ҳукумати Ҷопон ва мардуми он барои кумаки расонидашуда изҳори сипос ва миннатдории самимӣ намуданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад, ки минбаъд низ дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон саҳми худро гузорад.

Кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ "GGP" яке аз Барномаҳои кумаки расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад, ки ба мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешаванд.

Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html






МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ
УМУМИИ АСОСИИ №24


МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ
УМУМИИ АСОСИИ
№24